ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
ба номи Ш.ШОҲТЕМУР

# ТАВСИЯНОМА
# ДОИР БА ТЕХНОЛОГИЯИ ПАРВАРИШ ВА РӮЁНИДАНИ ҲОСИЛИ БАЛАНДИ ПАХТА

ДУШАНБЕ -2020

Тавсиянома аз ҷониби академик Набиев Т.Н., узви вобастаи АИКТ Салимзода А.Ф. ва Саидзода С.Т., профессор Маҳмадёрзода У.М., дотсентон Боймуродов Р.Б., Суярова С.Ҷ., таҳия шудааст.

Тавсиянома барои роҳбарон ва мутахассисони хоҷагиҳои деҳқонӣ фермерӣ ва иҷоракорон пешниҳод карда мешавад.

Шӯрои методии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур тавсияномаи мазкурро (суратҷаласаи № аз . . 2020) маъқул дониста, ба чоп тавсия намудааст.

## САРСУХАН

Дар Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Соҳаи пахтакорӣ ба рушди саноати сабук, содироти маҳсулот ва бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ мусоидат менамояд».

Пахта яке аз зироатҳои асосӣ ва муҳими стратегӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Онро асосан барои истеҳсоли нах парвариш менамоянд. Инчунин аз он чигит, кӯрак, поя, барг ва зиёда аз 200 номгӯи маҳсулоти талаботи рӯзмарраи инсоният тайёр карда мешавад, ки ягон зироати кишоварзӣ аз ҷиҳати аҳамиятнокӣ ба он баробар шуда наметавонад. Як кг нахи пахта дар бозори ҷаҳонӣ ба 16 кг гандум баробар буда, ҳангоми аз 1 гектар рӯёнидани ҳосили якхелаи гандум ва пахта, дараҷаи даромаднокии пахта аз 8 то 12 маротиба нисбат ба гандум бештар мегардад. Нахи пахта муҳимтарин нахи саноатӣ буда, 70 фисади талаботи саноати ресандагиро дар бар мегирад. Равғани он, пас аз коркард ҳамчун равғани истеъмолӣ истифода гардида, дар байни зироатҳои равғандеҳ мавқеи дуюмро дар ҷаҳон ишғол менамояд.

Дар заминҳои обии кишоварзии Тоҷикистон пахта зироати арзишнок ва муҳим буда, аз ҷиҳати даромаднокӣ ва ғани гардонидани буҷаи давлат аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Он растании бисёрсолаи буттагӣ ва нимбуттагии ёбоӣ буда ба ҷинси - авлоди Gossypium, оилаи хайригулҳо (Malvaceae) мансуб мебошад. Намуди дастпарварии он дар 90 мамлакати ҷаҳон парвариш карда мешавад, ки аз намудҳои ёбоӣ рӯидаанд.

Дар ҳудуди ҷумҳурии мо 2 намуди пахта парвариш карда мешавад: Gossypium hirzutumL., Gossypium barbadenseL. Қисмати асосии майдонҳои кишти пахтаро навъҳои намуди Gossypium hirzutumL. таъсис медиҳад, ки ҳоло ба 90 фисад ва зиёда аз он баробар мебошад.

Масъалаи гирифтани ҳосили баланди пахта бошад, аз омилҳое вобаста мебошад, ки на хусусияти объективӣ, балки субъективӣ доранд ва ин омилҳоро мо дар давраи технологияи парвариши пахта эҳсос мекунем.

Ба ҳама маълум, ки ҳосили баланди пахта аз тухмии навъҳои пахтаи хуб вобастагӣ дорад, яъне тухмии навъҳое, ки мутобиқи шароит ва захираҳои табиии мо бошанд. Дар солҳои охир аз тарафи селексионерони кишвар навъҳои беҳтарин ба монанди «Гулистон», «Меҳргон», «Ҳисор», «Суғдиён-2», «Сорбон», «Назирӣ», «Ориёӣ»,

«Ирам-1 МН», «Зарафшон», «Хуҷанд-67», «Хулбук» «Дустӣ-ИЗ», «Шарора-1020», «9326-В», «750-В», «Авесто» ва ғайра пешниҳод шудаанд.

Ҳар як ноҳияи ҷумҳурӣ бояд, як ду навъи пахтаи ба истехсолот тавсияшударо кишт кунад, бисёрнавъӣ ба он оварда мерасонад, ки навъҳо аз чиҳати гетерогенӣ хусусияти биологии худро гум карда ба камҳосилӣ мансуб мешаванд.

Бо назардошти муҳимияти стратегии пахтапарварӣ, сиёсати аграрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он равона карда шудааст, ки дарояндаи наздик истеҳсоли умумии ҳосили пахта то ба 800 000 тонна расонида шуда, ба сатҳи истеҳсолии солҳои 80-уми асри XX баробар карда шавад.

## Технологияи парвариши ҳосили баланди пахта

**Мавқеи зироат дар киштгардон.** Илм ва таҷрибаҳои истеҳсолии пешқадам исбот кардаанд, ки дар вақти якчанд сол пай дар ҳам кишт кардани пахта дар як майдон, хок ҳосилхезии худро кам карда, ҳолати мелеоративиаш бад мегардад ва паҳншавии касалиҳо ба монанди намудҳои касалиҳои вилт, гомоз ва пусиши реша зиёд мешаванд.

Вазифаҳои асосии киштгардон ин нигоҳ доштани ҳосилхезии хок, кам кардани барангезандагони касалиҳо ва ҳашаротҳо, нест кардани алафҳои бегона ба ҳисоб меравад. Аз зироатҳои пешинакишти пахта барои барқарор кардани ҳосилхезии хок ва беҳтар кардани ҳолати фитосанитарӣ он аз ҳама беҳтарин киштгардон ин 3:7 юнучқаю пахта буд. Солҳои зиёд хоҷагиҳои пахтапарварӣ бо азхудкунии киштгардони асосии даҳмайдонаи пахтаю юнучқа, паи ҳам иваз кардани зироатҳо бо схемаи 3:7 (70 % пахта) истеҳсолоти кишоварзиро ба роҳ монда буданд.

Таҷриба ва амалияи пешқадам исбот намудааст, ки дар сурати парвариши дурусти юнучқа ва обмонию сари вақт дарав намудани он шӯрии замин ба дараҷаи зиёд барҳам дода мешавад. Ҳамчунин решаҳои юнучқа хусусияти захира кардани нитрогени ҳаворо дошта, дар решаҳои калони он то 2 – 2,5 % нитроген мавҷуд буда, танҳо аз ҳамин ҳисоб дар ҳар гектар замин то 300 кг нитрогени биологӣ ғун мешавад. Агар нобудшавӣ ва пӯсидани ҳарсолаи реша ва қисматҳо дар системаи решаронӣ ба инобат гирифта шавад, дар зарфи 3-сол дар ҳар гектар то 400-500 кг нитроген боқӣ мемонад.

Юнучқа дар муборизаи зидди касалию зарарасонҳои пахта ҳамчун пешинакишт аҳамияти хеле калон дорад. Бинобар ин дар майдони пахтаи баъд аз юнучқа киштшуда, эҳтимолияти гирифтори ба касалӣ камтар аст.

Аммо дар шароити имрӯзаи кишоварзӣ бо сабаби гузаштан ба намуди хоҷагидории хурдмайдона, зарурияти истифодаи киштгардонҳои кутоҳдавр ба миён омад, ки аз рӯи нақшаҳои 1:4:1:4, 1:3:1:3 амалӣ кардан имконпазир аст ва дар ин киштгардон зироатҳои ғалладонагию лубиёдонагӣ низ ҷой додан зарур аст.

Барои амалӣ кардани киштгардон дар системаи пахтапарварӣ, донистани сохтори майдонҳои кишт, таркиби зироатпарварӣ дар хоҷагӣ ва андозаи майдонҳои кишти ҳар кадоми онҳо дар хоҷагӣ муҳим мебошад.

Пахта дар тамоми давраи нашъунамояш зироати меҳнатталаб буда, сарфи зиёдтарини меҳнат (зиёда аз 40-45%) дар давраи ҷамъоваррии ҳосили он амалӣ мешавад. Ҳангоми амалӣ намудани нақшаи киштгардон дар хоҷагиҳои хурдмайдона ба инобат гирифтани қувваи корӣ муҳим дониста мешавад. Агар қисмати аксари майдони хоҷагиро пахта таъсис диҳад, қувваи корӣ дар он нокифоя бошад, тарҳрезии нақшаи киштгардони мо илман асосёфта ҳисобида намешавад. Паҳлӯи дигари ҷой намудани пахта чун зироати техникӣ дар системаи киштгардони зироатҳо, ин мавҷудияти воситаҳои техникӣ дар хоҷагӣ мебошад. Зеро маҳсулнокии киштзорҳои пахта аз амалишавии чорабиниҳои техниконидашуда вобастагии ногусастанӣ дорад.

Барои амалӣ намудани киштгардон дар системаи пахтапарварӣ, қитъаҳои замини хоҷагӣ ба қисмҳои ҷудогонаи баробарҳаҷм тақсим карда мешаванд ва миқдори онҳо мувофиқи нақшаи барои ҳамин хоҷагӣ қабулкардаи киштгардон муайян мегардад. Гардиши пурраи бо навбат кишткунии зироатҳо дар ҳамин киштгардон **ротатсия** номида мешавад. Дар вақти тартиб додани нақшаи навбатии кишти зироат онро ба назар гирифтан лозим аст, ки зироати дар қитъаи мушаххас дар як вақти муайян парваришшаванда бояд, на танҳо ҳосили фаровон диҳад, балки барои зироати баъд аз он киштшаванда дар ин майдон шароити хуби таъминоти ғизоӣ фароҳам оварда шавад.

**Коркарди хок.** Коркарди хок яке аз чорабиниҳои муҳими агротехникӣ дар киштзори пахта мебошад, ки барои ба даст овардани ҳосили баланду фаровон аҳамияти муҳим дошта, он дар фаслҳои тирамоҳу зимистон, зимистону баҳор, инчунин бевосита пеш аз кишту давраи нумуъи пахта гузаронида мешавад, ки онро чунин гурӯҳбандӣ мекунанд: 1. Шудгори тирамоҳӣ ё коркарди асосии хок – чаппагардонкунии хок якҷоя бо коркарди пеш аз шудгор, обшуйкунии заминҳои шӯр, обмонии эҳтиётӣ – захиравӣ, ҳамвор кардани замин, мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва касалиҳои ниҳоли пахта, решакан кардани алафҳои бегона ва ғ.: 2. Коркарди пеш аз кишти хок –

мола, сихмола ва баранакунии аввали баҳорӣ, бо мақсади ба кишт тайёр кардани замин. 3. Коркарди байни қаторҳо – бо мақсади беҳтар кардани реҷаҳои обӣ, ҳавоӣ, ғизоии хок, ташакули системаи решаронӣ, мубориза бар зидди алафҳои бегона ва касаливу заррарасонҳо гузаронида мешавад.

**Шудгори тирамоҳӣ ё коркарди асосии хок** – ҳангоми шудгори тирамоҳӣ қабати болои хок, ки дар давраи нашъунамои растанӣ, хосияти физикавии худро талаф дода, бо тухми алафҳои бегона, боқимондаи растанӣ, тухм, кирм ва шапаракҳою ҳашароти гуногуни зарарасон бой шудааст ба қисми зери шудгор гузашта, инҷо вайрон ва нест мешавад. Қабати поёнии ҳосилхези хок, ки нисбати аз ҳисоби боқимондаи ба қисми боло мебарояд ва сатҳи майдон барои кишти соли оянда тайёр карда мешавад. Инчунин дар ҷараёни шудгори тирамоҳӣ, нуриҳои органикӣ, маъданӣ ва гербисидҳои ба замин андохташуда зери хок гашта, омехта мешаванд, дар зимистону аввали баҳор, дар ҷараёни яхкунию обшавии хок тамоми кулӯхпораҳо майда шуда, хок тамоман реза мегардад, ки дар ин ҳол хок бештар нарм ва дар худ намии зиёдро нигоҳ медорад. Дар ин сурат низоми обию ҳавоӣ ва ғизогии хок хуб шуда, сабзишу нашъунамои беҳтари растанӣ таъмин мегардад.

Шудгори тирамоҳӣ дар моҳҳои октябр-ноябр гузуронида мешавад, ки то самараи хуб диҳад. Муҳлати шудгори тирамоҳиро вобаста ба давраи озодшавии майдон аз пешинакишт интихоб мекунанд, ки на дертар аз даҳрӯзаи аввали моҳи декабр мебошад. Заминҳои шӯр дар чуқурии 30-32 см шудгор карда мешавад, агар дар онҳо шағалу рег чуқур ҷойгир нашуда бошанд, шудгори чуқур иҷозат дода намешавад. Чуқурии шудгорро инчунин вобаста ба пешинакишт низ муайян мекунанд. Масалан хоки қабаташ ғафсу ҳосилхезеро, ки се сол боз юнучқа киштшуда аз алафҳои бегона озод аст, бо сипори дуқабата дар чуқурии 30-35 см шудгор намудан лозим аст. Ҳангоми пешинакишт зироатҳои ғалладонагӣ будан чуқурии шудгорро то ба 28 см мерасонанд.

Бо кор бурдани сипорҳои плантажӣ ва тавассути онҳо чуқур шудгор кардан то чуқурии 50-60 см ва зиёда аз он дар як қатор ноҳияҳои пахтапарварии вилояти Хатлон тавсия карда мешавад. Ин амал барои дуру дароз нигоҳ доштани самараи юнучқазори шудгоршуда ва мубориза бар зидди алафҳои бегонаи зарарнок, ки решаҳояш ба шароити анаэробӣ афтода, гумуси хокро меафзояд, зарур аст. Бо истифода аз сипорҳои плантажӣ, ҳангоми дарахтони бисёрсола будани пешинакишт чуқурии шудгорро то 60-100 см гузаронидан зарур аст.

**Обшуйкунии заминҳои шӯр.** Дар ноҳияҳои пахтапарварии вилояти Хатлон ва Суғд заминҳое ҳастанд, ки хокашон шӯр аст. Шӯршавии

хокро ғайр аз водии Ҳисор, дар дигар водиҳои пахтапарвари Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида кардан мумкин аст. Ин ҳолатро дар водиҳои Яхсу, Қизилсу, Панҷ, Вахш, Кофарниҳон, Омӯ ва Сирдарё дидан мумкин аст.

Шӯрхок гуфта чунин хокҳоеро меноманд, ки миқдори зиёди намакҳои дар об ҳалшавандаро доранд, ки инкишофи зироатҳои кишоварзиро боз медоранд ва ҳатто таъсири марговар мерасонанд. Дараҷаи шӯршавии хокҳо дар маҳалҳои ҷудогона гуногун буда, аз дараҷаи паст то дараҷаи баланд мешаванд.

Агар хокҳои заминҳои пахтапарварӣ ба дараҷаи паст шӯршуда бошанд, онгоҳ ҳосили зироати пахта ба 20 %, ба дараҷаи миёна шӯр шуда бошад то 40 % ва агар ба дараҷаи баланд шӯр шуда бошанд, онгоҳ ҳосили пахта то ба 70 % ва дар баъзе маврид бештар аз ин талаф меёбад. Дар ин гуна заминҳо пахта сирак рӯида нашъунамояш қафо мемонад ва ҳосилаш паст мегардад.

Яке аз усулҳои дур кардани намаки ин заминҳо обшуй кардан мебошад. Обшуйкунии заминҳо дар тирамоҳу зимистон вақте, ки обҳои зеризаминӣ паст мераванд (ноябр-январ) гузаронида мешавад. Дар заминҳои шӯриаш баланд обшуйкунӣ 2-3 маротиба гузаронида шуда дар заминҳои шӯриаш паст 1-2 маротиба гузаронида мешавад. Пеш аз обшуйкунӣ заминро тахту ҳамвор карда, ба палҳо ҷудо мекунанд. Заминро бо грейдер ва ё заминҳамворкунаки васеъбари ПР-5 ҳамвор намуда палро то баландии об 20-30 то 50 см шудан бо об пур мекунанд, ҳаминтавр обшуйкунӣ гузаронида мешавад.

**Обмонии захиравӣ** бо мақсади таъмин намудани намнокӣ ҳангоми нашъунамои пахта, дар минтақаҳои боришоташ кам ва бо намноки таъмин набуда, дар тирамоҳу зимистон гузаронида мешавад. Намии ҳангоми обдиҳии захиравӣ ҷамъгашта ба барвақту саросар неш задани чигит, нағз сабзидани ниҳолҳо ёрӣ расонида, муддати дароз ниҳолҳоро бо намӣ таъмин менамояд ва он имконият медиҳад, ки ҳосили баланд ба даст ояд.

**Истифодаи нуриҳо.** Пахта яке аз зироатҳоест, ки талаботи зиёд ба моддаҳои ғизоӣ дошта, давраи ғизогириаш дароз мебошад. Барои ҳамин ҳам дар низоми ба кор бурдани нуриҳои маъданӣ дар пахтазор дуруст муайян кардани меъёри солона аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Мувофиқи маълумоти корҳои илмию тадқиқотии олимон барои ба вуҷуд овардани як сентнер ҳосил зироати пахта 5,0-6,0 кг нитроген, 3,0-4,0 кг фосфор, 6 -8 кг калийро сарф менамояд.

Меъёри солонаи истифодабарии нуриҳо барои руёнидани

ҳосили баланду хушсифати пахта (30-35 с/га) аз 150-250 кг/га нитроген (моддаи таъсирбахш), 120-140 кг/га фосфор, 60 кг/га калий барои пахтаи миёнанах; 220-250 кг/га нитроген, 140-150 кг/га фосфор, 60-80 кг/га калий барои пахтаи маҳиннах бояд кам набошад. Нуридиҳии зироати пахта аз муҳлат ва меъёрҳои зерин иборат аст:

**Нуридиҳии асосӣ**. Ҳамаи меъёри солонаи пору (15-20 т /га меъёри тавсиявӣ), 60 % меъёри фосфор ($P_2O_5$), дар сурати аз 60 кг зиёд будани меъёр ва то 90 % ва ё ҳамаи меъёри солонаи калийро ба зери шудгор додан лозим аст. Дар сурати аз 60 кг кам будани меъёри калий ($K_2O$) онгоҳ онро танҳо дар вақти кишт ва ғизодиҳиҳои 2 ва 3-юм, яъне пеш аз гул додан хубтар аст.

**Пеш аз кишт.** Дар заминҳои хокашон сабук ва сангнок ва ё баҳори сербориш дар ҳамаи заминҳои кухаҳобёришаванда ҳангоми коркарди пеш аз кишти хок аз 30 то 45 кг/га нитроген додан зарур аст.

**Ҳамроҳи кишт.** Барои таъмин намудани нашъунамои хуб ва бо суръати ниҳолҳои ҷавон, ки системаи решаи чандон боқувват надоранд, дар як вақт ҳангоми кишт 10-15 кг/га нитроген ва 15-20 кг/га фосфор додан зарур аст. Дар масофаи 4-5 см дуртар аз тухмӣ ва дар чуқурии 7-8 см додан ба мақсад мувофиқ аст.

**Ғизодиҳӣ дар давраҳои нашъунамо.** Ҳангоми нашъунамо ба пахта дар хокҳои муътадили муқаррарӣ 3 маротиба ва дар хокҳои сабуки регӣ то 4 маротиба ғизо додан ба мақсад мувофиқ аст. Якум маротиба ҳангоми пайдо шудани 2-3 барги ҳақиқӣ, дуюм- ҳангоми саршавии шонабандӣ ва сеюм ҳангоми саршавии гулкунӣ.

Дар ғизодиҳии якум ва дуюм нитроген ва фосфор ва дар ғизодиҳии сеюм нитроген, фосфор ва калий медиҳанд. Миқдори аз ҳама зиёди нитрогенро дар ғизои дуюм (то 70 кг/га) медиҳанд. Дар сурати кам будани меъёри нитроген (баъди юнучқа ва нурии сабз) онро танҳо дар ғизодиҳии 1 ва 2 (баъди юнучқа) ва баъди нурии сабз дар ғизодиҳии 2 ва 3 додан зарур аст.

Ғизодиҳии 1 аз паҳлӯи қатор дар масофаи 10-12 см дуртар аз растанӣ ва чуқурии 8-10 см; ғизодиҳии 2 аз паҳлӯи қатор дар масофаи 15-20 см ва ҳамин чуқурӣ; ғизодиҳии 3 дар байни қатор дар чуқурии 5-6 см аз зери ҷӯякҳо дода мешавад. Ғизодиҳии охиринро на дертар аз 10 июл ва дар заминҳои санглох на дертар аз 20 июл ба охир расонидан тавсия карда мешавад.

Вобаста ба иқлиму шароит ва хокҳои минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ меёрҳои солонаи истифодабарии моддаҳои ғизоӣ дар ҷадвалҳои

1-4 оварда шудааст.

**Ба кишт тайёр кардани чигит.** Бо мақсади саросар ва якхела неш зада баромадани чигит барои кишти пахта тухмии аълосифати кондитсиониро истифода мебаранд. Мутахассисон бояд нешзанӣ, қувваи сабзиш, патнокӣ, осеби механикӣ (шикастан), намнокӣ, пуррагии тухмӣ (вазни 1000 дона) ва тозагии навро ба назар гиранд. Барои кишт тухмиҳое, ки қобилияти сабзишашон 95% ва тозагиашон 99% истифода менамоянд.

Тухмӣ бояд ба тарзи мутамарказонида бо заҳрҳои кимиёвӣ «Бронотак» (7-8 кг/т), ва «Витавакс» (5 кг/т) заҳролуд карда ба халтаҳои қоғазини чорқабата ҷой дода, ба хоҷагиҳои пахтакор тақсим шавад.

**Муҳлати кишти пахта.** Чигити пахта ҳангоми мавҷудияти намнокии муътадил дар ҳарорати 8-10 $^0$С ба нешзани саркарда, дар ҳарорати 14-16$^0$С хуб инкишоф меёбад. Ҳангоми баланд шудани ҳарорат сабзиши чигит афзуда, дар ҳарорати 25-30 $^0$ С он хеле босуръат месабзад. Ба кишти пахта он вақт сар кардан лозим аст, ки хок дар чуқури 10 см, 12-14$^0$С гармии доимӣ пайдо карда бошад. Ҳарорати баланд ё паст боиси тез ва ё дер нешзада баромадани чигит мегардад, ки ҳарду ҳолат ҳам барои инкишофи минбаъдаи растанӣ зиёновар аст.

Муҳлати беҳтарини кишти чигит барои минтақаҳои ҷумҳури чунинанд водии Вахш даҳрӯзаи аввали апрел, вилояти Суғд – даҳрузаи дувуми апрел, ноҳияҳои боқимонда – даҳрӯзаи сеюми апрел чигит дар чуқурии 3-4 см кишт карда мешавад, дар сурати хушк шудани қабати болоии хок то чуқурии 5-6 см кишт кардан мумкин аст.

**Усулҳои кишт**. Чигити пахта бо усулҳои гуногун кишт карда мешавад. Аммо дар минтақаҳои пахтапарварии ҷумҳурӣ, усули беҳтарин ва анъанавӣ ин васеъқатораи байни қаторҳояш - 60 см мебошад. Чигитҳои лучкардашуда бо усули тоқа-тоқа кишт мешаванд. Масофаи байни нихолҳои пахта вобаста ба системаи шохаронии навъ муайян карда мешавад. Дар заминҳои камалаф кишти пахта бо усули тоқа-тоқаи зич бо тухмипошаки СТХ-4Б ё СКГХ-4-6 аз рӯи нақшаи 60 х 25 см, 60 х 22 см, 60 х 18 см, 60 х 15 см гузаронида мешавад. Дар як чукурча 3-5 чигит кишт карда мешавад. Дар заминҳои миқдори алафаш миёна ва сералаф кишт бо усули қаторӣ гузаронида шуда, кишт бо тухмипошакҳои СТХ-4А ё СТХ-4Б бо усули тоқа-тоқаи зич, аз рӯи нақшаи 60х22 см, 60х16 см, 60х15 см гузаронида мешавад.

**Меъёри кишти чигит**. Миқдори чигите, ки дар 1 гектар кишт карда мешавад ба воҳиди вазни 1000 дона чигит, қобилияти нешзанӣ ва

тозагии он  вобаста мебошад, ки онро меъёри кишт меноманд. Меъёри кишти чигит ба усули кишт, лаёқати киштбобӣ, ва калонҳачмии чигит, шароити хоку ҳарорат вобаста мебошад.  Дар системаи пахтапарварӣ дар сурати паст будани сифати чигит, меъёри кишти он зиёд карда мешавад. Агар кишт бо усули тоқа-тоқаи зич гузаронида шаваду дар ҳар чуқурча 4-6 донаги чигит афтад, меъёрии кишт дар як гектар ба 35-45 кг баробар мешавад. Ҳоло давлатҳои тараққикарда аз усули пешкадами кишти чигит истифода карда, меъёри киштро дар 1 га ба 25-30 кг баробар кардаанд. Мувофиқи дастури Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри кишти пахта дар 1 га 45-60 кг буда, мувофиқ ба лаёқати киштбобӣ ва дигар омилҳои ба он таъсиррасон камтар ва бештар карда мешавад.

**Нигоҳубини ниҳолҳо.** Дар пахтакорӣ таъмини пурраи миқдори буттаҳо, яке аз омилҳои асосӣ ба шумор рафта, тамоми чорабиниҳоро андешидан лозим аст, ки сабзиши пурраи буттаҳо таъмин гардад.

Барои ҳифз намудани майсаҳо ва саросар сабзонидани чигит, гузаронидани сафолакшиканӣ, ки баъди боронҳои пуршиддат дар рӯи хок пайдо мешавад, аҳамияти муҳим дорад. Ба муқобили сафолак муборизаро баробари пайдо шудани имконияти нахустин сар карда, дар 1-2 рӯз ба итмом расонидан лозим аст. Дар акси ҳол майсаҳои аз зери хок набаромада зарар дида, минбаъд неш зада наметавонанд. Қитъаҳоеро, ки дар он аз сабаби пайдо шудани сафолак чигит неш зада набаромадааст, пурра ковок намудан лозим аст. Барои ин аз сихмолаи «Зигзаг» ва каландчаҳои ротатсионӣ истифода мебаранд

Баъди кишти пахта баъзан рӯзҳои гарм бештар фаро мерасанд ва нами аз хок тез бухор гашта, барои муътадил неш задани чигит ва ба даст овардани майсаҳои солим намнокӣ ками мекунад. Дар ин вақт ба боришоти табиӣ умед набаста, ба додани оби эҳтиётӣ сар мекунанд. Обмонии эҳтиётӣ бо меъёри кам гузаронида мешавад. Аз усули обмонии ҷӯяк дар миён истифода мекунанд. Меъёри об вобаста ба намуди хок ба ҳисоби миёна ба 500-600 $м^3$/га баробар мебошад.

Майсаҳои пахта нозуку зудшикан буда, то давраи шонабандӣ хеле суст инкишоф меёбанд. Дар ин давра барои онҳо шароити хуби сабзишу инкишофро муҳайё намудан лозим аст. Барои ин баъди сар задани майсаҳо дар кутоҳтарин муддат байниқаторҳоро нарм намудан, ба як тарафи ҷӯякҳо пошидани пору (ғизои иловагӣ), ягонакунии кишт ва решаканкунии алафҳои бегона аҳамияти калон дорад.

Ягонакунӣ, яке аз чорабиниҳои муҳиму зарурии агротехникӣ мебошад. Он бояд саривақт гузаронида шавад. Ҳар қадар, ки он дер гузаронида шавад, ҳамон қадар таносуби моддаҳои ғизоӣ ва намнокӣ

дар хок кам мешавад, ки ин барои инкишофи минбаъдаи растаниҳои боқимонда зараровар аст. Аз тарафи дигар ҳангоми дер гузаронидани ягонакуни ниҳолҳо байни ҳам реша ронда, системаи решаҳои онҳо пурра ба ҳам мепечанд ва дар вақти аз замин кашида гирифтани он ба решаи растаниҳои боқимонда осеб ворид мекунанд. Ягонакунӣ дар 2 давра - аввал ҳангоми пайдо шудани якум барги ҳақиқӣ гузаронида шуда, меъёри ниҳолҳо бештар гузошта мешавад ва минбаъд дар давраи 3-4 баргагӣ ягонакунии муташаккил гузаронида мешавад.

Миқдори буттаҳо дар як гектар заминҳои хокашон марғзории хокистарранг ва оби зеризаминиашон наздик бояд 80-85 ҳазор, хокашон вазнину шӯршуда 85-90 ҳазор, хокҳои сабук 100-110 ҳазор, хоки санглох 120-130 ҳазор бутта бошад. Дар замини киштҳои васеъқатораи 90 см бояд 100-120 ҳазор бутта, заминҳои кишти дуқатораи байни қаторҳояш 90 см бояд 110-120 ҳазор бутта, дар заминҳои кишти дуқатораи байни қаторҳояш 90 см бояд 160-180 ҳазор бутта бошад ва ин боиси баланд гаштани ҳосили пахта мегардад.

Барои нашъунамои пахта, коркарди байни қаторҳо (култиватсия), чобуқи дастӣ, нест кардани алафҳои бегона ва ғайраҳо вобастагии калон дорад. Аз рӯйи миқдори обмонӣ, коркарди байни қаторҳо 3-5 маротиба гузаронида мешавад. Вазифаҳои асосии коркарди байни қаторӣ барои ба даст даровардани майсаҳои пурра ва беҳтар кардани речаи ҳавоӣ, ғизоӣ ва обии хок, инчунин муборизa ба муқобили алафҳои бегона мебошад. Чуқурии коркарди байни қаторҳоро инчунин вобаста ба муҳлати гузаронидан ва ҳолати растанӣ интихоб мегардад. Дар аввал бари фарогирии агрегат ҳангоми 60 см будани бари чӯякҳо то 45 см гузошта шуда, оҳиста – оҳиста то ба 16-18 см кам мешавад. Чуқурии коркард бошад вобаста ба дарозӣ ва инкишофи реша дар аввал кам ва минбаъд зиёд карда мешавад. Дар коркарди 1 чуқурии коркард ба 6-8 см баробар буда, минбаъд то 22 – 24 см зиёд мешавад. Чуқурии коркардро мувофиқ ба давраи коркарди аввал 6-8 см; дуюмаш 8-10 см ва сеюм 10-12 см муқаррар мекунанд. Минтақаи муҳофизи 12-14 см бояд бошад. Барои нармкунӣ аз нармкунаку нурипошаки КРХ-4, НКУ-4-6 А истифода мекунанд.

**Усули обёрӣ.** Барои рӯёнидани ҳосили фаровону хушсифати пахта ниҳолҳо дар ҳамаи давраҳои нашъунамояшон бояд ба қадри зарурӣ бо об таъмин карда шаванд. Ба ин баҳудаву беҳуда об сарф накарда, дар натиҷаи саривақт ва бо меъёри мусоид обёрӣ намудани пахтазор муваффақ шудан мумкин аст.

Иқтидори захираҳои табиии мамлакат имкон медиҳад, ки барои 2-3 маротиба баланд бардоштани ҳосилнокии зироати пахта ҷорӣ

намудани технологияи муосири истифодаи самараноки захираҳои обу замин татбиқ карда шавад. Нақши асосиро дар парвариши зироати пахта усули обёрӣ ва бо роҳи беҳтарин таъмин намудани зироат бо об, шароити истифодабарии коркарди хок, ғизо ва дигар корҳои агротехникӣ мебозанд.

Бинобар ин дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияи обсарфакунандаи зироатҳои кишоварзӣ, яке аз равишҳои муҳими рушд ва истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ дар оянда боқӣ хоҳад монд.

Дар ноҳияҳои пахтакории ҷумҳурӣ метавонанд, чунин реҷаи обёриро истифода баранд:

Тибқи гидромодули I-II-III чукурии оби зеризаминӣ 3-4 м аз он зиёд нақшаи обёрӣ 2:5:1; гидромодули IV-V-I чуқурии оби зери заминӣ 2-3 м накшаи обёрӣ 2:4:2 ва 1:3:1; гидромодули VII-VIII- IX чуқурии оби зеризаминӣ 1-2 м нақшаи обёрӣ 1:2:1. Сарфи об дар таркиби хоки вазнин 10000-11000 м$^3$/га, миёна 9000-10000 м$^3$/га, сабук 8000-9000 м$^3$/га мебошад. Баъди ғизодиҳии якум обмонии ҷӯяк дар миён зарар надорад. Обёрии минбаъдаро аз рӯйи ҳолати буттаҳои пахта муайян кардан мумкин аст.

**Усули мубориза бар зидди алафҳои бегона, ҳашароти зараррасон ва касалиҳо.** Масъалаи мубориза ба муқобили касаливу зараррасонҳо бошад, ҳоло ба масъалаи ҷиддӣ гузашта аст ва талаф додани нисфи ҳосили пахта ба ин вобастагӣ дорад.

Усули асосии мубориза бар зидди алафҳои бегона ин коркарди байни қаторӣ ба ҳисоб меравад, ки онро бо нармкунак (култиватор) мегузаронанд. Ин усули кор аз рост шудани қаторҳо то шохаронии буттаҳо ва пӯшидашавии ҷӯякҳо гузаронида мешавад. Дар майдонҳои киштзори пахта алафҳои бегонаи арзани мурғ, аҷриқ, шӯрак, ғумай, печаки саҳроӣ, ангури сагак ва ғайраҳо дида мешаванд.

Барои нест намудани алафҳои бегона ғайр аз коркарди байни қаторҳо ва чиндани алафҳо бо даст, гербитсидҳои зерин ба монанди «Пантера» (3 кг/га), «Каторан» (4-5 кг/га) ва ғайраҳо тавсия карда мешавад. Саривақт гузаронидани мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва касалиҳо, яке аз омилҳои асосии рӯёнидани ҳосили фаровони пахта ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, хоҷагиҳои пахтакор метавонанд, вобаста ба имкониятҳо ҳосилнокии пахтаро 2-3 маротиба баланд бардоранд.

Дар давраи нашъунамои буттаҳо вобаста ба шароити иқтисодии хоҷагиҳои пахтакор муборизаи зидди ҳашароти зараррасон бо усули агротехникӣ, кимиёвӣ ва биологӣ ба амал баровварда мешавад.

Баъди хотима додани кишти пахта гирду атрофи заминҳоро аз алафҳои бегона тоза нигоҳ доштан, саривақт аз байни қаторҳо кандани алафҳои бегона, ки ҳашарот дар онҳо тухмгузорӣ мекунанд, хеле зарур мебошад. Яке аз усули пурсамари пешгирӣ намудани паҳншавии ҳашарот ва ба қадри имкон кам кардани миқдори онҳо ин васеъ ба кор бурдани домҳои феромонӣ мебошад.

Феромонро дар дохили домҳо ҷой медиҳанд ва ба ҳар 1,5-2,0 гектар яктогӣ мегузоранд. Асосан онҳоро бегохирӯзи то соатҳои 9-10 рӯзи оянда мондан самаранок аст. Ба муқобили шира ҳангоми ба ду балл расидани зарари он, яъне ба болои растаниҳо ба андозаи 25 фоиз паҳн шуданаш, бо пошидани заҳрдоруҳои Неорон 50 % к.э.; Омайт 57% к.э.; Пликтран 25 % х.м. меъёри истифодабарӣ ба ифодаи таркиби тоза 1,2 то 2,5 л/га мебошад.

Бо роҳи биологӣ бар зидди ҳашароти зараррасон аз трихограммаи тухмихӯрак, ки паразити шабпараки габрабракон мебошад ва дар биоозмоишгоҳҳо зиёд карда мешавад, инчунин таркибҳои микробиологии дендробатсилин ва битаксибатсилин истифода бурда мешавад.

**Чеканкаи ниҳолҳои пахта.** Дар маҷмӯи тадбирҳои агротехникии пахта, чеканкаи (сарчинкунӣ) ниҳолҳо мавкеи муҳимро ишғол мекунад. Саривақт ва хушсифат гузаронидани чеканкаи ниҳолҳо ба зудтар пухта расидани кӯракҳо ва ба афзудани чинакҳои аввалин мусоидат мекунад.

Дар натиҷаи ин чорабинӣ ҳосилнокӣ баланд гардида, ҳосили барвақти пахта мафзояд. Муқаррар карда шудааст, ки дар суръати сарчин кардан дар буттаҳои навъҳои миёнанах 2-3 кӯрак зиёд мегардад. Вазни пахтаи як кӯрак 0,2-0,5 грамм афзуда тезрасии кӯракҳо 3-10 рӯз барвақтар мегардад. Тадқиқотҳои муассисаҳои илмӣ ва таҷрибаи деҳқонон нишон додааст, ки саривақт гузаронидани сарчинкунӣ ҳосилнокиро 4-5 сентнер аз ҳар як гектар зиёд мегардонад.

Муҳлати гузарондани сарчинкунӣ ба пайдо шудани навдаҳои ҳосилдеҳ вобаста аст. Дар пахтаи миёнанах пайдо шудани 12-14 навдаи ҳосилдеҳ, дар навъҳои пахтаи маҳиннах пайдо шудани 15-17 навдаи ҳосилдеҳ нишонаи хуби гузарондани сарчинкунӣ мебошад.

**Ҷамъоварии ҳосили пахта.** Ҷамъоварии ҳосили пахта яке аз усули муҳими технологияи парвариш ба ҳисоб рафта, аз ҳама меҳнатталаб ва масъулиятнок аст. Ба ҷамъоварии он 40-50%-и ҳамаи хароҷоти меҳнат дар пахтапарварӣ рост меояд. Ҳосили пахта бо 2 усул: 1. дастӣ, 2. техникӣ ҷамъоварӣ карда мешавад.

Майдонҳои барои чиниши мошинии пахта таъиншуда, бояд ҳаҷман на кам аз 3-4 га буда, дарозии гашт дар онҳо 150-200 м ва аз он ҳам бештар бошад. Ҳангоми ҷамъоварии техникии пахта аз дефолятсия ва десикатсия истифода карда 3-5 рӯз пеш аз оғози ҷамъоварии мошинӣ бо паҳнии 8-10 м минтақаи гардиш тайёр карда, ҷӯйҳои саргаҳи замин пур карда мешаванд.

Дар минтақаи гардиш пас аз баргрезонӣ, десикатсия гузаронида мешавад ва ҳангоми кушода шудани (шукуфтани) 70 - 80% кӯракҳо ниҳолҳои ин минтақа бо решаашон решакан ва ба канори майдон бароварда мешаванд.

Ҳангоми ҷамъоварии техникии пахта аз мошини пахтачинии ХВА-1,2, мошини пахтачинии чорқатораи овезашави 14ХВ-2,4А, 17 ХБ-1,8Б мошини пахтачинии дуқатораи овезашавии ХВН-1,2 А ва мошини овезоншавии дуқатораи ХВБ-1,8 истифода мекунанд.

Пахтаро бо мошин 1-2 маротиба ва дастӣ 3-4 маротиба ҷамъоварӣ мекунанд.

Ҷадвали 1.

Меъёри солонаи модаҳои ғизоӣ, кг /га (м. т.) барои ноҳияҳои Вахдат, Рӯдакӣ, Данғара, Кӯлоб (қисми болоӣ) ва Ҳисор

| Ҳосили пахта с/га | Хокҳои хокистарранги сиёҳчатоб ва марғзории хокистарранг | | | Хокистарранги марғзорӣ ва марғзорӣ | | | Хокхои санглох на ғафсии қабаташон кам (0-50 см), шӯршуда | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | N | $P_2O_5$ | $K_2O$ | N | $P_2O_5$ | $K_2O$ | N | $P_2O_5$ | $K_2O$ |
| 25-30 | 120-150 | 80-100 | 40-50 | 100-120 | 90-100 | 40-60 | 180-200 | 110-120 | 40-50 |
| 30-35 | 150-180 | 100-130 | 50-60 | 120-160 | 100-120 | 60-80 | 200-220 | 120-130 | 50-70 |
| 35-40 | 180-200 | 130-150 | 60-70 | 160-200 | 120-160 | 80-100 | 220-240 | 130-160 | 70-90 |

Ҷадвали 2.

Меъёри солонаи моддаҳои ғизоӣ, кг /га (м.т.) барои ноҳияҳои Вахш, Ҷ.Балхӣ, А.Ҷомӣ,Ҷайҳун, Дӯстӣ ва Панҷ

| Ҳосили пахта с/га | Хокистарранги сафедчатоб , хокистарранги марғзорӣ | | | Хокистарранги марғзорӣ ва марғзорӣ | | | Хокхои санглох на ғафсии қабаташон кам (0-50 см), шӯршуда | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | N | $P_2O_5$ | $K_2O$ | N | $P_2O_5$ | $K_2O$ | N | $P_2O_5$ | $K_2O$ |
| 25-30 | 140-160 | 60-100 | 30-40 | 120-140 | 80-100 | 50-60 | 170-200 | 110-120 | 40-50 |
| 30-35 | 160-180 | 100-120 | 40-50 | 140-160 | 100-120 | 60-80 | 200-220 | 120-125 | 50-70 |
| 35-40 | 180-220 | 120-130 | 50-60 | 160-180 | 120-130 | 80-90 | 220-240 | 125-130 | 70-90 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 40-45 | 220-260 | 130-140 | 60-70 | 180-200 | 130-140 | 90-100 | 240-260 | 130-140 | 90-100 |

Ҷадвали 3.

Меъёри солонаи моддаҳои ғизоӣ, кг /га (м.т.) барои ноҳияҳои Данғара, Ҳамадонӣ, Восеъ, Темурмалик, Кӯлоб, Ёвон ва Турсунзода

| Ҳосили пахта с/га | Хокистарранги оддӣ | | | Хокистарранги сиёҳчатоб , марғзории хокистарранг ва ҷигарранг | | | Марғзорӣ ва хокистарранги марғзорӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | N | $P_2O_5$ | $K_2O$ | N | $P_2O_5$ | $K_2O$ | N | $P_2O_5$ | $K_2O$ |
| 25-30 | 150-180 | 90-120 | 30-40 | 140-160 | 110-120 | 30-50 | 110-140 | 80-100 | 50-60 |
| 30-35 | 180-200 | 120-140 | 40-50 | 160-180 | 120-130 | 50-60 | 140-160 | 100-120 | 60-70 |
| 35-40 | 200-220 | 140-160 | 50-60 | 180-220 | 140-130 | 60-70 | 160-200 | 120-140 | 70-80 |
| 40-45 | 220-250 | 160-180 | 60-70 | 220-240 | 140-150 | 70-80 | 200-240 | 140-150 | 80-100 |

Ҷадвали 4.

Меъёри солонаи моддаҳои ғизоӣ, кг /га (м.т.) барои ноҳияҳои вилояти Суғд

| Ҳосили пахта с/га | Хокистарранги сафедчатоб | | | Хокистарранги сафедчатоб ва санглох | | | Марғзорӣ ва хокистарранги марғзорӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | N | $P_2O_5$ | $K_2O$ | N | $P_2O_5$ | $K_2O$ | N | $P_2O_5$ | $K_2O$ |
| 25-30 | 130-140 | 80-90 | 30-40 | 200-240 | 120-130 | 100 | 170-200 | 110-120 | 100 |
| 30-35 | 140-160 | 90-100 | 40-50 | 240-280 | 140-130 | 110 | 200-225 | 120-125 | 110 |
| 35-40 | 160-180 | 100-120 | 50-60 | 280-300 | 140-150 | 120 | 225-240 | 125-130 | 120 |
| 40-45 | 180-200 | 120-140 | 60-70 | 300-320 | 150-200 | 130 | - | - | - |